ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ НИЗОМИ АХБОРОТИИ ИДОРАКУНИИ МАОРИФ ВА ИЛМ

# Дастур
# оид ба пур кардани шакли омории МТТ – 1 «Ҳисоботи омории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳолати 1 ноябри соли ______»

Душанбе – 2015

**Дастур**
**оид ба пур кардани шакли ТМ – 1 «Ҳисоботи омории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳолати 1 ноябри соли ______»**

Барои таъмини эътимоднокии аснод, тамоми ҳисоботи ибтидоӣ, дохилии муассисаи томактабиро пешакӣ ба тартиб даровардан зарур аст, ки онҳо барои пур кардани ҳисоботи МТТ-1 истифода мешаванд: ҳуҷҷати шахсии кӯдакон, дафтари бақайдгирии кӯдакон, дафтари фармоишҳо, дафтари амволи раванди таълиму тарбия, таҷҳизоти хоҷагӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» фасли 4 **“Ҷавобгари барои вайрон кардани қонуни мазкур”,** Моддаи 10 «Ҷавобгарӣ барои пешниҳод накардан ё ғалат додани мушоидаҳои омории давлатӣ».

Ашхоси ҳуқуқӣ, субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликият, ки ҳангоми мушоҳидаҳои омории давлатӣ маълумот накардаанд ё маълумоти ғалат додаанд мувофиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноӣ кашида мешаванд.

Пеш аз омода намудани ҳисоботи МТТ-1 ба шиносномаи муассиса назар кардан зарур аст, ки:

Шиноснома ҳуҷҷати маъёрии ҳуқуқӣ буда, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ» ва Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Мақсади асосии таҳия кардани «***Шиносномаи муассиса***» – ин муайян намудани шумораи дақиқи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ аз нуқтаи назари намуди муассиса, *шакли моликият*, *намуди тобеият*, *мавзеи ҷойгиршавӣ ва мақоми муассиса* мебошад.

Нишондиҳандаҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (*намуди муассиса, мавзеи ҷойгиршавӣ, шакли моликият, намуди тобеият ва мақоми муаасиса*) дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) муаяйн мешаванд.

Шиносномаи муассиса бо имзо ва мухри мудири шуъбаи маорифи ноҳия (шаҳр) тасдиқ карда мешавад.

**Рақами ID –** ин рамзи **муайянкунандаи муассиса** буда, барои муайян намудани нишонии муассиса дар сатҳи ҷумҳурӣ истифода бурда мешавад (расми 1).

| РАҚАМИ ID: | XX | XXX |
|---|---|---|

***Расми 1.*** Рақами ID-и муассисаи таҳсилоти томактабӣ

«***Номи пурраи муассиса***» - номи пурраи муассисаи таҳсилоти томактабӣ, ки дар асоси қарори муассис номгузорӣ шудааст, ворид мегардад (Расми 2).

| РАҚАМИ ID: | XX | XXX |
|---|---|---|

Номи пурраи муассиса **<u>Ширхоргоҳи №1</u>**______________________________________________________________________________________________

***Расми 2.*** Тарзи дуруст ворид намудани номи муассисаи таҳсилоти томактабӣ

Рақами ID – аз 5 сифр иборат мебошад. 2 сифри аввали он – рамзи ноҳия (шаҳр)-е, ки дар он муассиса ҷойгир аст ва 3 сифри боқимондаи он рақами тартибии муассисаи таҳсилоти томактабиро нишон медиҳад (Рамз ва номгӯи шаҳру ноҳияҳо замима мегардад, замимаи 1).

***Тартиби бақайдгирии рақами ID-и муассиса аз 2 марҳила иборат аст:***

**Марҳилаи 1.** Муайян намудани рақами тартибии муассиса дар ноҳия (шахр).

Рақами тартибии муассиса дар асоси рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти томактабии ноҳия (шаҳр) тартибдодашуда ва «Тартиби дурусти рақамгузории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» гузошта мешавад.

Рӯйхати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шуъбаи маорифи ноҳия (шаҳр) тартиб додашуда, бо имзо ва муҳри мудири шуъбаи маориф тасдиқ мегардад.

**Марҳилаи 2.** Гузоштани рақами ID ба ҳар як муассисаи таҳсилоти томактабӣ

Рақами ID – дар асоси «Феҳристи рамз ва номгӯи шаҳру ноҳияҳо» ва рақамҳои тартибии муассисаҳои таҳсилоти томактабии ноҳия (шаҳр) гузошта мешавад.

Масалан: Ширхоргоҳи №6 ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар рӯйхат бо **рақами тартибии** <u>023</u> қайд карда шудааст. Рамзи ноҳия тибқи феҳристи рамз ва номгӯи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон рақами – **10** мебошад. Пас дар ҷои ду сифри аввал рақами **<u>10</u>** ва дар ҷои се сифри дигар рақами **<u>023</u>** мегузорем (Расми 3).

РАКАМИ ID: **10 023**

| | |
|---|---|
| Номи пурраи муассиса | Ширхоргоҳи №6 |
| Вилоят | Душанбе |
| Ноҳия (шаҳр) | Исмоили Сомонӣ |
| Ҷамоати деҳот | |
| Суроғаи ҳуқуқӣ | кӯчаи Айнӣ 25 |

| | |
|---|---|
| Масоҳати таълимӣ: | 1520 м² |
| Иқтидори лоиҳавӣ: | 1111 |
| Соли таъсисёбӣ: | 1989 |

| | |
|---|---|
| № муассиса | **№6** |
| № тел/факс | тел: (992) 2222525; факс.2222525 |
| Нишонии сайт (www) | WWW/tomak6.tj |
| Почтаи электронӣ (E-mail) | tomak6@mail.tj |

(Рақамро ба давра гиред)

**Намуди муассиса:**

| |
|---|
| (1) Ширхоргоҳ |
| 2. Ширхоргоҳ - кудакистон |
| 3. Кудакистон |
| 4. Кудакистон-мактаб |
| 5. Маркази инкишофи кӯдакон |

**Намуди муассисаи махсусгардонидашуда:**

| |
|---|
| 6. Барои кӯдаконе, ки дар нуткашон лакнат, нуқсонҳои вазнин доранд |
| 7. Барои кӯдаконе, ки тарзи талаффузи фонетикиашон вайрон аст |
| 8. Барои кӯдакони кар |
| 9. Барои кӯдакони камшунаво |
| 10. Барои кӯдакони хирачашм ва олус |
| 11. Барои кӯдаконе, ки дар узви такягоҳию ҳаракат иллат доранд |
| 12. Барои кӯдакони нокисулакл |
| 13. Барои кӯдакони руҳан инкишофнаёфта |
| 14. Барои кӯдаконе, ки касалии сил доранд (санаторӣ) |
| 15. Барои кӯдаконе, ки зуд-зуд бемор мешаванд (санаторӣ) |

**Шакли моликият**

| |
|---|
| (1) Давлатӣ |
| 2. Хусусӣ |
| 3. Тобеъи корхона |
| 4. Ҷамъиятӣ |
| 5. Хориҷӣ |

**Мавзеъи ҷойгиршавӣ**

| |
|---|
| (1) Шаҳр |
| 2. Деҳот |

**Мақоми муассиса:**

| |
|---|
| (1) Оддӣ |
| 2. Махсусгардонидашуда |

**Расми 3.** Гузоштани рақами ID ва қайд кардани нишондиҳандаҳои асосии муассисаи таҳсилоти томактабӣ

Баъд аз гузоштани рақами ID дигар нишондиҳандаҳои асосии муассиса қайд мешаванд.

Дар сатри «Номи пурраи муассиса» - номи муассисаи таҳсилоти томактабӣ нишон дода мешавад.

Дар сатрҳои: *Вилоят*, *ноҳия (шаҳр)*, *ҷамоати деҳот, нишонӣ, № муассиса, № тел|факс, нишонии сайт (www), почтаи электронӣ (E-mail), шумораи филиалҳо, масоҳати таълимӣ, иқтидори лоиҳавӣ ва соли таъсисёбӣ* маълумоти дақиқро қайд кардан зарур аст.

Ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бояд сайт ва почтаи электронӣ дошта бошанд.

Дар сатри «Масоҳати таълимӣ» - масоҳати таълимии муассиса, ки дар шиносномаи техникии муассиса нишон дода шудааст, қайд мешавад.

Дар сатри «Иқтидори лоиҳавӣ» - ҷои нишасти кӯакон аз рӯи меъёр, ки дар шиносномаи техникии муассиса нишон дода шудааст, қайд мешавад.

Дар сатри «Соли таъсисёбӣ» - соли таъсис ёфтани муассисаи таҳсилоти томактабӣ нишон дода мешавад.

Ҳангоми қайд кардани нишондиҳандаҳои шакли моликият, намуди тобеият, мавзеи ҷойгиршавӣ, мақоми муассиса ва намуди он - рақами нишондиҳандаҳо ба давра гирифта мешаванд (Расми 3).

Дар қисми «Иҷозатнома» - маълумот оид ба рақами иҷозатнома, муҳлати қайд, ба охир расидани иҷозатнома ва муассисае, ки иҷозатномаро додааст, қайд мешавад.

Дар қисми «Шиносномаи техникӣ»-маълумот оид ба рақами барӯйхатгирӣ ва санаи гирифтани шиносномаи техникӣ нишон дода мешавад.

Дар қисми «Сертификати замин» - маълумот оид ба рақам ва соли гирифтани сертификати замин нишон дода мешавад.

Шиносномаи муассиса аз тарафи мудири бахши хадамоти назди шуъбаи маориф ва иқтисодчии шуъба таҳия гардида, бо имзои онҳо ва имзою муҳри мудири шуъбаи маорифи ноҳия (шаҳр) тасдиқ мегардад.

**Замимаи 1**

Феҳристи рамз ва номгӯи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Рамз | Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | Рамз | Номгӯи шаҳру ноҳияҳо |
|---|---|---|---|
| **01** | Хоруғ | **35** | Конибодом |
| **02** | Ванҷ | **36** | Мастчоҳ |
| **03** | Ишкошим | **37** | Спитамен |
| **04** | Дарвоз | **38** | Панҷакент |
| **05** | Мурғоб | **39** | Ҷаббор Расулов |
| **06** | Роштқалъа | **40** | Истаравшан |
| **07** | Рӯшон | **41** | Бобоҷон Ғафуров |
| **08** | Шуғнон | **42** | Шаҳристон |
| **09** | Сино | **43** | Кӯҳистони Мастчоҳ |
| **10** | Исмоили Сомонӣ | **44** | Қӯрғонтеппа |
| **11** | Фирдавсӣ | **45** | Вахш |
| **12** | Шоҳмансур | **46** | Восеъ |
| **13** | Роғун | **47** | Данғара |
| **14** | Варзоб | **48** | Ҷиликул |
| **15** | Рашт | **49** | Хуросон |
| **16** | Ҳисор | **50** | Қубодиён |
| **17** | Ҷиргатол | **51** | Ҷалолиддини Румӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **18** | Нурободд | **52** | Бохтар |
| **19** | Рудакӣ | **53** | Ҷомӣ |
| **20** | Ваҳдат | **54** | Кӯлоб |
| **21** | Тавилдара | **55** | Қумсангир |
| **22** | Тоҷикобод | **56** | Муминобод |
| **23** | Турсунзода | **57** | Ҳамадонӣ |
| **24** | Файзобод | **58** | Фархор |
| **25** | Шаҳринав | **59** | Панҷ |
| **26** | Хуҷанд | **60** | Сарбанд |
| **27** | Қайроқум | **61** | Темурмалик |
| **28** | Чкалов | **62** | Ховалинг |
| **29** | Истиқлол | **63** | Шаҳритус |
| **30** | Айнӣ | **64** | Шӯрободд |
| **31** | Ашт | **65** | Ёвон |
| **32** | Ғончӣ | **66** | Норак |
| **33** | Зафарободд | **67** | Носири Хусрав |
| **34** | Исфара | **68** | Балҷувон |

Пеш аз он, ки шакли МТТ-1 – ро хонапурӣ кунед, зарур аст, ки дастури оид ба пур кардани шакли МТТ-1-ро аз худ намоед. Ҳангоми хонапурӣ кардани шакли ҳисоботи МТТ- 1 ба хусусиятҳои зерин таваҷҷуҳ намоед:

Дар банде (ба кӣ пешниҳод карда мешавад) раёсат (шуъба)-и маорифи ноҳияи мазкур, вилоят, шаҳр ва нишонии пурра (почта, мавқеи ҷойгиршавӣ) нишон дода мешавад.

Дар сатри ***«Соли таъсисёбӣ»*** - соли таъсис ёфтани муассиса нишон дода мешавад, яъне соле, ки муассисаро сохтан, ҳуҷҷат карданд, бо қарори Ҳукумат (Раиси вилоят, Раиси шаҳр, қарори муассис (ёмуассисон)). Баъзе мутассадиҳо дар сатри ***«соли таъсисёбӣ»*** соли: азнавсозии муассиса, сохтани бинои иловагӣ; иваз намудани номи муассиса, иваз намудани сатҳи таълими муассисаро нишон медиҳанд, ки ***ин хато ҳаст***.

Дар сатри ***«Иқтидори лоиҳавӣ (ҷои нишаст)»*** - иқтидори лоиҳавии муассиса нишон дода мешавад, яъне аз рӯи меъёр муассиса чанд нафар кӯдакро ҷой карда метавонад:

Иқтидори лоиҳавӣ - масоҳати умумии **<u>таълимии</u>** муассиса \ масохате, ки аз рӯи стандарт барои 1 нафар кӯдак ҷудо карда шудааст.

Дар сатри ***«Масоҳати синфхонаҳо ва кабинетҳои таълимӣ»*** - масоҳати умумии таълимӣ ба қайд гирифта мешавад. <u>Масоҳати таълимӣ гуфта</u> – танҳо синфхона ва кабинетҳои таълимӣ (фаннӣ) ба қайд гирифта мешаванд. Утоқи муаллимон, кабинети директор, майдончаи варзиш, китобхона, ошхона, хонаҳои хоб, утоқи духтур ва ғайра **дар сатри *«Масоҳати синфхонаҳо ва кабинетҳои таълимӣ»*** - ба қайд гирифта намешаванд.

***Қисматҳои:***

- ***Намуди муассисаи таълимӣ:*** ширхоргоҳ; ширхоргоҳ-кӯдакистон; кӯдакистон; кӯдакистон-муассиса; маркази инкишофи кӯдакон; барои кӯдаконе, ки дар нутқашон лакнат, нуқсонҳои вазнин доранд; барои кӯдаконе, ки тарзи талаффузи фонетикиашон вайрон аст; барои кӯдакони кар; барои кӯдакони камшунаво; барои кӯдакони хирачашм ва олус; барои кӯдаконе, ки дар узви такягоҳию ҳаракат иллат доранд; барои кӯдакони ноқисулақл; барои кӯдакони руҳан инкишофнаёфта; барои кӯдаконе, ки касалии сил дорванд (санаторӣ); барои кӯдаконе, ки зуд-зуд бемор мешаванд (санаторӣ); ва ғайра, ки қарори
  мақомоти ҳокимияти давлатиро доранд, нишон дода мешавад.
- ***Шакли моликият:*** давлатӣ; хусусӣ; тобеъи корхона; ҷамъиятӣ;
- ***Мавзеи ҷойгиршавӣ:*** шаҳр; деҳот;
- ***Мақоми муассиса:*** оддӣ; махсусгардонидашуда;

Чуноне, ки дар расми 3 нишон дода шудааст интихоб ва хонапурӣ карда мешавад.

***Боби 1.*** «Маълумот оид ба таркиби гурӯҳҳо».

Дар ин боб маълумот оид ба таркиби гурӯҳҳо бо нишон додани синну сол ва теъдоди кӯдакон дар номгӯи гурӯҳҳо хонапурӣ карда мешавад. Дар сутуни якум ҷадвал номгӯи гурӯҳ; яъне гурӯҳҳои 1-3 сола, гурӯҳҳои 3-6 сола, гурӯҳҳои 5-6 сола, гурӯҳҳои 6-7 сола нишон дода шудааст. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 101 то 106); шумораи гурӯҳҳо; синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти гурӯҳҳо чунин муайян карда шудааст: 1-2 сола; 2-3 сола; 3-4 сола; 4-5 сола; 5-6 сола; 6-7 сола. Аз ин рӯ, муассисаи таҳсилоти томактабӣ бояд кӯдакро тибқи ин нишондод аз рӯи синну сол ба гурӯҳҳо тақсим намояд.

***Боби II.*** «Маълумот оид ба забонҳои таълим».

Дар боби мазкур маълумот оид ба тақсимоти гурӯҳҳори таълимӣ ва кӯдакон аз рӯи забони таълими тарбия хонапурӣ карда мешава. Забони омӯзиш - ин забонест, ки таълиму тарбия тавассути он дар муассиса бурда мешавад. Дар сутуни якуми ҷадвал номгӯи забони таълим, аз ҷумла тоҷикӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, русӣ, дигарҳо нишон дода шудааст. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 101 то 106); шумораи гурӯҳҳо; синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст.

-муассисаи Б; дар муассиса у нафар бо забони тоҷикӣ таълиму тарбия мегиранд, пас у нафарро дар сатрҳо бо нишон додани ҷинсият дар сатри забони таълим-тоҷикӣ дар сутунҳое, ки дар онҳо синну сол нишон дода

шудааст бо нишон додани шумораи умумӣ ва аз онҳо духтарон хонапурӣ карда мешаванд.

Агар дар муассиса таълиму тарбия бо ду ё се забон ба роҳ монда шавад, яъне гурӯҳҳои тоҷикӣ бошад, пас забони таълим – тоҷикӣ, гурӯҳҳои ӯзбекӣ бошад – забони ӯзбекӣ, яъне таълим бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва дар гурӯҳҳои русӣ – забони таълим бо забони русист. Аз ин рӯ, бояд забони таълиму тарбия ба таври алоҳида нишон дода шавад. Мисол:

- муассисаи А; се забони таълиму тарбия дорад: тоҷикӣ (забони модарӣ), русӣ ва узбекӣ, яъне гурӯҳҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ. Муассисаи мазкур бояд дар шакли ҳисобот сину соли кӯдаконро вобаста ба забони таълиму тарбия хонапурӣ намояд.
- муассисаи Б; як забони таълиму тарбия дорад: тоҷикӣ, пас дар шакли ҳисобот танҳо дар сатри забони тоҷикӣ кӯдакон аз рӯи синну сол хонапурӣ менамояд. Катакчаҳои сатрҳои дигар холӣ меистанд.

Назорат: Шумораи умумии кӯдакон боби 2 бояд ба шумораи кӯдакони боби 1 баробар бошад

**Боби 3.** Маълумот оид ба ҳайати миллии кӯдакон.

Боби мазкур кӯдаконро вобаста ба сину сол ва миллатҳо тақсим менамояд. Дар сутуни «Номгӯи миллат» 12 номгӯи миллат нишон дода шудааст:

1. Тоҷик;
2. Ӯзбек;
3. Туркман;
4. Киргиз;
5. Қазоқ
6. Рус;
7. Беларус;
8. Украин;
9. Озар;
10. Арман;
11. Гурҷ;
12. Татар;

Кӯдаконе, ки миллаташон ғайри номгӯи миллатҳо бошад, дар сатри 313
«Дигарҳо» қайд карда мешаванд. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 101 то 106); шумораи гурӯҳҳо; синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст.

Бояд ба инобат гирифт, ки аҳамияти ҳар сину сол дар ҷадвал бо милат
мувофиқ пур карда мешавад.

***Боби 4.*** Маълумот оид ба кӯдакони ятим ва аз парастории волидайн маҳрум.

Дар боби зерин маълумоти пурра оид ба кӯдакони: *ятим*, *бепадар, бемодар*, *аз парастории волидайн маҳрум ва* аз *оилаҳои камбизоат буда,* қайд карда мешавад. Дар сутуни 1 номгӯи нишондодҳо нишон дода мешаванд. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 401 то 406); синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст, ки хонапурӣ карда мешавад.

**Боби 5.** Маълумот оид ба кӯдакони маюб.

Дар **боби 5** маълумот оид ба гурӯҳҳои махсус ва шумораи кӯдакони маюб қайд карда мешавад.

Гурӯҳҳои махсус – гурӯҳҳое мебошанд, ки танҳо барои маюбон ташкил карда шудаанд, яъне бо таҷҳизотҳои ёрирасон барои маюбон таъмин карда шудаанд. Гурӯҳҳои махсус бисёртар дар муассисаҳои томактабии махсус вуҷуд доранд.

Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 501 то 506); синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст, ки хонапурӣ карда мешавад.

***Боби 6*** «Маълумот оид ба омӯзиши забонҳои хоирҷӣ.

Дар сутуни якуми ҷадвали мазкур номгӯи забонҳои хориҷӣ: русӣ; англисӣ; немисӣ ва хитоӣ нишон дода шудааст. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 601 то 606); синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст, ки хонапурӣ карда мешавад.

**Боби 7.** Маълумот оид ба давомот ва кӯдакони аз оилаҳои камбизоат

Дар сутуни якуми ҷадвали ин боб номгӯи нишондиҳандаҳо (шумораи рӯзҳое, ки кӯдакон дар гурӯҳҳо гузаронидаанд; шумораи рӯзҳое, ки кӯдакон иштирок накардаанд (аз ҷумла босабаби беморӣ; бо сабабҳои дигар) ва шумораи кӯдакон аз оилаҳои камбизоат нишондода шудааст. Дар сутунҳои дигар № сатр (аз 701 то 705); синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст, ки хонапурӣ карда мешавад.

**Боби 8.** Маълумот оид ба ҳодисаҳои бемории кӯдакон.

Ҳодисаҳои бемории кӯдакон ин бемории малахак (скарлатина); дарди гулӯ (ангина); зукома (грипп); ОРЗ; ОРВИ; варами шуш (пневмания); зардпарвин (желтуха); дарди ханозир (свинка); касалии хоришак (чесотка); сурхакон (краснуха)мебошад ва касалиҳои дигаре, ки нишон дода нашудааст дар сатри 811 **Дигар** нишон дода мешавад. Дар сутунҳои дигар бошад № сатр (аз 801 то 811); синну сол аз 1 сола то 7 сола нишон дода шудааст, ки хонапурӣ карда мешавад

**Боби 9.** Маълумот оид ба ҳайати кормандон.

Дар боби мазкур маълумот оид ба ҳайати кормандон, аз ҷумла вазифа (мудир, муовини мудир, сармураббӣ, омӯзгор, мураббӣ, ёрдамчии мураббӣ, доя); соли таваллуд; ҷинс (зан, мард); маълумот (олӣ, олии омӯзгорӣ, олии нопурра, миёнаи касбӣ, миёнаи касбии омӯзгорӣ, миёнаи умумӣ); дараҷаи тахассус (олӣ, якум, дуюм, надорад); собиқаи корӣ (умумӣ, аз ҷумла омӯзгорӣ) ва соли чанд охирин бор аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд нишон дода мешавад. Сатрҳои ҷадвали зерин вобаста ба нишондиҳандаҳои сутунҳо хонапурӣ карда мешавад. Маълумотҳоро оид ба хонапурӣ намудани ин ҷадвал бо истифода бурдан аз хуҷҷатҳои шахсии кормандон ва китоби фармоишҳои кормандон омода карда мешавад.

**Боби 10.** Маълумоти умумии базаи моддию техникӣ.

Ҷадвали мазкурро истифода аз сертификати истифодабарии замин ва шиносномаи техникии бинои муассиса хонапурӣ карда мешавад. Масоҳати умумии муаассиса, (м$^2$) – масоҳати умумии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар асоси сертификати замине, ки дар он муассиса ҷойгир ҳаст, нишон дода мешавад. Масоҳати умумии биноҳои муассиса (м$^2$) – масоҳат дар асоси шиносномаи техникии биноҳо нишон дода мешавад. Шумораи биноҳои таълимии муассиса (м$^2$) – масоҳат дар асоси шиносномаи техникии биноҳо нишон дода мешавад.
Барои хонапурӣ намудани сатри якум, сатри дуюм ва сеюм аз нақшаҳои шиносномаи техникии муассиса истифода бурда зарур аст. Барои хонапурӣ намудани сатри чорум ва панҷум вобаста хулосаи мақомоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ оид ба ҳолати биноҳо ҳа ё не интихоб карда мешавад (расми 4).

**Боби 10. Маълумоти умумии базаи техник!**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Масо?ати умумии муассиса, (м2) | **2555** |
| 2 | Масо?ати умумии бинохои таълимии муассиса, (м2) | 2055 |
| 3 | Шумораи бинохои таълимии муассиса | 5 |
| 4 | Муассиса дар холати садамав? аст? | 1-? а |
| | | 2-Не |
| 5 | Муассиса таъмири асосиро талаб мекунад? | 1-? а |
| | | 2-Не |

Расми 4. Тарзи хонапурӣ намудани маълумоти умумӣ оид ба базаи техникӣ

**Боби 11.** Маълумот оид ба ҳуҷраҳои дохили бино ва қитъаҳои муасссиса.

Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба ҳуҷраҳо, хона, утоқ, толорҳо, майдонҳо, шумораи онҳо ва масоҳат (м$^2$) нишон дода мешавад. Ҳар як кисми муассиса дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад (расми 5).

Боби 11. Маълумот оид ба хуҷраҳои дохили бино ва китъаҳои муассиса

| № | Дохили бино ва китъаҳо | Шумора | Масоҳат ($м^2$) |
|---|---|---|---|
| 1 | Хуҷраи хоб | 2 | 1400 |
| 2 | Хуҷра барои тиб | 2 | 50 |
| 3 | Хуҷра барои бозӣ | 4 | 250 |
| 4 | Хуҷра барои гузаронидани машғулиятҳо | 8 | 400 |
| 5 | Майдончаи бозӣ | 3 | 160 |
| 6 | Майдони варзишӣ | 1 | 500 |
| 7 | Толори мусиқӣ | 2 | 120 |

Расми 5. Тарзи хонапурӣ намудани маълумот оид ба хуҷраҳои дохилӣ бино ва қитъаҳои муассиса

Боби 12. Маълумот оид ба ҳоҷатхона.

Дар ҷадвали мазкур маълумот оид ба намуди ҳоҷатхонаи муассиса нишон дода мешавад. Қайд кардан лозим аст, ки 5 намуди ҳоҷатхона нишон дода шудааст, аз ҷумла:

- Умумӣ (ҳам барои писарон, ва ҳам барои духтарон, яъне ҳоҷатхона дутарафа сохта шуда, аз тарафи рост қисми ҳоҷатхонаи писарон ва аз тарафи чап қисми ҳоҷатхонаи духтарон ҷойгир карда шудааст);
- Ҳоҷатхона барои писарон (яъне ҳоҷатхона танҳо барои писарон ба истифода дода шудааст, ҳоҷатхонаи духтарон алоҳида мебошад).

- Ҳоҷатхона барои духтарон (яъне ҳоҷатхона танҳо барои духтарон ба истифода дода шудааст, ҳоҷатхонаи писарон алоҳида мебошад).

- Ҳоҷатхона барои кӯдакони ҷисман носолим (яъне, аз сохти ҳоҷатхонаи умумӣ бо ҷои нишаст фарқ мекунад).
- Ҳоҷатхона алоҳида барои омӯзгорон (мураббияҳо) (хоҷатхонае, ки танҳо барои омӯзгорон (мураббияҳо) сохта шудааст ва ягон кӯдакон аз он истифода намебаранд.

Ҳаҷатхонаҳо 2 намуд мешаванд: **бе** оббар ва **бо** оббар. Ҳоҷатхонахое, ки **бо** оббар мебошанд дар аксарият ба коррезии марказонидашуда васл ҳастанд.

Ҳоҷатхонаҳое, ки **бе** оббар мебошанд дар аксарият бо коррезии марказонидашуда пайваст намебошанд, яъне тариқи чуқурии холимешудагӣ ва холинамешудагӣ сохта шудаанд.

Дар ҷадвал нишон додани ҷои нишасти истифодабарандагони ҳоҷатхонаро нишон додан зарур аст.

Дар расм намунаи тарзи пур намудани ҷадвал:

**Боби 12. Маълумот оид ба ҳоҷатхона**

| № | Ҳоҷатхона | Бо оббар | Бе оббар | |
|---|---|---|---|---|
| | | | бе кубури вентилятсионӣ | бо кубури вентилятсионӣ |
| | | ҷои нишаст (нукта) | ҷои нишаст (нукта) | ҷои нишаст (нукта) |
| 1 | Умумӣ (ҳам барои писарон ва ҳам барои духтарон) | 20 | 4 | 8 |
| 2 | Барои писарон | 10 | 2 | 4 |
| 3 | Барои духтарон | 10 | 2 | 4 |
| 4 | Барои кӯдакони ҷисман носолим | 1 | | 1 |
| 5 | Ҳоҷатхонаи алоҳида барои кормандон | 2 | | 2 |

Расми 6. Тарзи хонапурӣ намудани
маълумот оид ба ҳоҷатхона

**Боби 13. Маълумот оид ба инфраструктура (рақамҳоро бадавра гиред).**

Дар ин боб барои интихоб намудани нишондиҳандаҳои лозима рақами онҳо ба давра гирифта мешавад.

**1. Кадом намудҳои сарчашмаи об истифода карда мешаванд?** (сатҳӣ; зеризаминӣ) - дар сарчашмаи **сатҳӣ** чунин намудҳои обтаъминкунӣ таълуқ доранд: <u>марказонидашуда (водопровод)</u>, <u>кашонидашуда</u>. Дар сарчашмаи **зеризаминӣ** чунин намудҳои обтаъминкунӣ таълуқ доранд: <u>обкашаки дастӣ/чоҳ</u>, <u>чашма</u>. Агар дар муассиса 2 намуди обтаъминкунӣ бошад ва яктаи он истифода бурда нашавад, дар ҷадвал хар яке онҳо қайд карда мешавад.

**2. Муассиса ба шабакаи марказонидашудаи (водопровод) обтаъминкунӣ пайваст аст?** - агар муассиса ба хати шабакаи марказонидашуда, яъне шабакаи умумии обтаъминкунӣ (водопровод) васл карда шуда бошад, он гоҳ рақами нишондиҳандаи «Ҳа» ба давра гирифта мешавад.

**3. Кадом намудҳои обтаъминкунӣ истифода карда мешаванд?** – дар сатри зерин намуди обтаъминкуни қайд карда мешавад. Намудҳои обтаъминкунӣ чунин мешаванд: марказонидашуда (водопровод), обкашаки дасти/чоҳ, чашма, кашонидашуда. Агар муассиса ягон намуди обтаъминкуни надошта бошад, дар ин ҳолат нишониҳандаи «6. Нест» ба давра гирифта мешавад.

**4. Агар аз оби зеризаминӣ истифода мекунанд, чуқурии он ба чанд метр баробар аст?** – агар дар муассиса сарчашмаи об **зеризаминӣ** бошад, чуқурии чоҳ нишон дода шавад.

**5. Ба хати баркӣ пайваст ҳаст?** – дар сатри зерин маълумот оид ба васл будани муассиса ба хати барқии умумӣ ё ҷудо нишон дода мешавад.

**6. Кадом намудҳои таъминкунии барқ истифода карда мешавад?** – дар муассиса метавон якчанд таъминкунии барқ истифода шавад. Масалан: дар муассиса метавонад ҳам хати баркӣ ва ҳам батареяҳои офтобӣ истифода бурда шаванд. Агар дар муассиса якчанд намуди таъминкунии барқ истифода шавад, онҳоро ҳатман дар ҷадвал нишон додан зарур аст.

**7. Муассиса ба хати марказонидашудаи таъминкунии гармӣ пайваст аст?** - дар сатри зерин васл будани муассиса ба хати марказонидашудаи таъминкунии гармӣ нишон дода мешавад. Агар муассиса зимистонгузаронии худро бо печҳои аловӣ, радиаторҳои равғанию гармкунаки буғӣ (бойлер) гузаронад ва ба хати марказонидашудаи таъминкунии гармӣ васл нашуда бошад, дар ин ҳолат дар сатр нишондиҳандаи **«2 - Не»** ба давра гирифта мешавад.

**8. Кадом намудҳои таъминкунии гармӣ истифода бурда мешаванд? –** дар сатри зерин намуди таъминкунии гармӣ ба қайд гирифта мешавад. Агар муассиса якчанд намуди таъминкунии гармӣ истифода барад, дар ин ҳолат ҳамаи намудҳои таъминкунии гармӣ дар ҷадвал нишон қайд карда мешаванд.

**9. Муассиса ба системаи марказонидашудаи коррезӣ пайваст аст?** – дар сатри зерин маълумот оид ба васл будан ва набудани муассиса ба системаи марказонидашудаи коррезӣ (канализатсия) қайд карда мешавад.

**10. Кадом намудҳои коррезӣ истифода карда мешаванд?** – дар сатри зерин маълумот оид ба намуди коррезии муассиса қайд карда мешавад.

Намудҳои коррезӣ чунин мебошанд:

- **Марказонидашуда** (яъне ба хати коррезии (канализатсия) умумӣ васл шуда, яъне ахлот бо трубаҳои коррезӣ ба маркази тозакунии ахлот (отчисной) меравад), дар аксарият чунин намуди коррезӣ дар **шаҳр** мебошад.

- **Чуқурии холимешудагӣ** (яъне чуқурие, ки баъд аз пур шидани ахлот тариқи мошини ахлоткашӣ кашида бурда мешавад). Намуди коррезии мазкур ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот истифода бурда мешавад.

- **Чуқурии холинамешудагӣ** - (яъне чуқурие, ки баъд аз пур шудан ба хок маҳкам мешавад).

Агар муассиса якчанд намуди коррезӣ дошта бошад, онҳоро ҳатман нишон додан зарур аст.

**Ҳолати системаи коррезӣ –** агар муассиса ба системаи коррезии марказонидашуда, чуқурии холимешудагӣ ё чуқурии холинамешудагӣ васл бошад, холати онро дар сатри зерин нишон додан зарур аст.

Дар расм намунаи тарзи пур намудани ҷадвал:

**Боби 13. Маълумот оид ба инфраструктура (рақамҳоро ба давра гиред)**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Калом намудхои сарчашмаи об истифода карда мешаванд? | 1 - Сатхӣ<br>2 - Зеризаминӣ |
| 2 | Муассиса ба шабакаи марказонидашудаи (водопровод) обтаъминкунӣ пайваст аст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 3 | Калом намудхои обтаъминкунӣ истифода карда мешаванд? | 1 - Марказонидашуда (водопровод)<br>2 - Обкашаки дастӣ/чох<br>3 - Чашма<br>4 - Оби борон<br>5 - Оби канал, ҷӯйбор, кул ва ғайра<br>6 - Кашонидашуда<br>7 - Дигар<br>8 - Нест |
| 4 | Агар аз оби зеризамини истифода мекунанд, аз чукурии чанд метр об бароварда мешавад? | |
| 5 | Дар муддати чанд мох дар давоми сол муассиса бо об таъмин аст? | |
| 6 | Талаботи муассиса ба оби нушоки пурра таъмин аст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 7 | Муассиса дар фасли зимистон бо об таъмин аст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 8 | Калом намудхои безараргардонии об истифода карда мешавад? | 1 - Хлоркунӣ<br>2 - Чушонидан<br>3 - Дигар<br>4 - Намешавад |
| 9 | Ба хати баркӣ пайваст хаст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 10 | Калом намудхои таъминкунии барк истифода карда мешаванд? | 1 - Хати баркӣ<br>2 - Генератори баркӣ<br>3 - Батареяхои офтобӣ<br>4 - Дигар<br>5 - Нест |
| 11 | Муассиса ба хати марказонидашудаи таъминкунии гармӣ пайваст аст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 12 | Калом намудхои таъминкунии гармӣ истифода карда мешаванд? | 1 - Марказонидашуда<br>2 - Печхои аловӣ<br>3 - Гармкунаки буғӣ (бойлер)<br>4 - Радиаторхои равганӣ<br>5 - Дигар<br>6 - Нест |
| 13 | Муассиса ба системаи марказонидашудаи коррезӣ пайваст аст? | 1 - Ха<br>2 - Не |
| 14 | Калом намудхои коррезӣ истифода карда мешаванд? | 1 - Марказонидашуда<br>2 - Чукурии холимешудагӣ<br>3 - Чукурии холинамешудагӣ<br>4 - Дигар<br>5 - Нест |
| 15 | Холати системаи коррезӣ | 1 - Каноатбахш<br>2 - Таъмири асосӣ зарур аст<br>3 - Холати садамавӣ |

Расми 7. Тарзи хонапурӣ намудани маълумот оид ба инфраструктура

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ШУЪБАИ НИЗОМИ АХБОРОТИИ ИДОРАКУНИИ МАОРИФ ВА ИЛМ

# Дастур
# оид ба пур кардани шакли омории МТТ – 2 «Ҳисоботи омории молиявии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар аввали сол»

Душанбе – 2015

Дастур
оид ба пур кардани шакли омории МТТ – 2 «Ҳисоботи омории молиявии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар аввали сол»

Барои омода намудани ҳисоботи омории молиявии муассисаи таҳсилоти томактабӣ аз варақаи воҳидҳои корӣ, тарификатсия ва сметаи хароҷотӣ истифода бурдан зарур аст.

Барои боби 1 аз варақаи воҳидҳои корӣ ва тарификатсия, барои боби 2 ва 3 аз сметаи хароҷотӣ ва ҳисоботҳои молиявии солона истифода бурда мешавад.

"____" "______________" 200___

Ному насаб ва № телефони
иҷрокунанда:____________________________________________

Роҳбар ________________________________
(ч. м)

Ному насаб ва № телефони
қабулкунанда:____________________________________________

________________________________
(ч. м)